# Тақризи

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара Расулзода Б.Р. ба рисолаи номзадии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзӯи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01–зироаткории умумӣ, растанипарварӣ

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои обӣ бо роҳи гирифтани ду-се ҳосил дар мавсим яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, ки барои расидан ба ҳадафи стратегии «Таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои солим» мусоидат менамояд. Бо ин мақсад интихоби зироатҳо барои кишти асосӣ ва такрорӣ, аз ҷумла ҷиҳати гирифтани ду ҳосили дон аз тарафи олимони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур тайи солҳои соҳибистиқлолии мамлакат густариш дорад ва дар ин росто мавзуи рисолаи илмии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович хеле мубрам аст.

Ҳадафи тадқиқоти муаллиф аз асоснокнамоии илмии усулҳои мувофиқи парвариши шолии ангорӣ барои таъмин намудани ҳосили дилхоҳ мебошад. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, муаллиф инкишофи шолии ангориро вобаста ба таъсири се омили асосии агротехникӣ–мӯҳлати кишт, меъёри гуногуни кишти тухмӣ ва меъёри гуногуни нуриҳои минералӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон (ноҳияи Фархор) дар таҷрибаҳои саҳроӣ омӯхтааст. Дар омӯзиш баҳодиҳӣ ба хусусиятҳои биометрӣ ва фитометрии растаниҳо, сохтори ҳосил, нишондиҳандаҳои фотосинтетикӣ, самаранокии энергетикӣ вобаста ба се варианти болозикр дар навъи ноҳиябандишудаи шолии «Авангард» барои гирифтани ҳосили банақшагирифташуда анҷом дода шудааст.

Рисолаи илмии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар ҳаҷми 146 саҳифаи чопи компютерӣ бо фарогирии муқаддима, панҷ боб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф вобаста ба мавзуи рисола таҳия карда шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 134 номгӯй, аз ҷумла 14 адабиёти хориҷӣ иборат аст. Қисмати тасвирии рисола аз 29 ҷадвал ва 5 расмҳо иборат аст.

Навгонии илмии таҳқиқоти анҷомдодашуда бори нахуст дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон омӯхтани таъсири омилҳои агротехникаи парвариш ба нашъунамо ва ҳосилнокии шолии кишти ангорӣ иборат аст. Муаллиф дар заминаи таҷрибаҳои амалӣ мӯҳлати мувофиқи кишти шоли ангорӣ, меъёри кишт ва меъёри зарурии нуриҳои

минералиро барои гирифтани ҳосили баланди дони шолӣ (73,8 с/га) муқаррар намудааст.

Боби якуми рисолаи илмии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович «Шарҳи адабиёт» аз се зербоб иборат буда, муҳлат ва меъёри кишти шолӣ, инчунин меъёри нуриҳои минералиро ба маҳсулнокии шолӣ дар бар мегирад. Муҳимияти таҳлили маълумоти сарчашмаҳои илмӣ дар масъалаҳои мазкур аз он иборат аст, ки вобаста ба минтақаҳои парвариши шолӣ тавсияҳо мухталифанд ва андешаи ягона дар ин самтҳо мавҷуд нестанд. Аз ҷониби баъзе олимон муҳимияти фарорасии ҳарорати мувофиқ барои кишти шолӣ шарти асосӣ ҳисобида шудааст, ки муҳлати кишт аз он вобастагӣ дорад. Аз тарафи дигар риояи ҳатмии мӯҳлати кишт барои ташаккули аломатҳои маҳсулнокии растанӣ тавсия карда мешавад.

Яке аз масъалаҳои баҳснок дар парвариши шолӣ меъёри кишти тухмӣ мебошад, ки муаллиф дар ин боб бештар ба тавсияҳои олимони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ такя кардааст. Меъёри кишти шолӣ дар сарчашмаҳои илмӣ аз 200-250 растанӣ/м$^2$ (саҳ. 29), то 4,5-5,5-6,0 ва 7 млн дона/га (саҳ. 30-32) тавсия дода шудааст.

Боби дуюми рисолаи номзадии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович мавод, нақшаи таҷрибаҳо, тавсифи шароити хоку иқлими минтақаи таҷрибавиро дар бар мегирад. Таҷрибаҳои илмӣ солҳои 2009-2011 дар заминҳои обии ноҳияи Фархор мувофиқи дастури Б.А. Доспехов гузаронида шудаанд. Пеш аз гузоштани таҷрибаҳои саҳроӣ таҳлили кимиёвии хоки қитъа гузаронида шуда, дар ин замина ҳосили шолии ангорӣ ба нақша гирифта шудааст. Усулҳои баҳодиҳӣ ба нишондиҳандаҳои физиологию биологии растаниҳо ва аломатҳои маҳсулнокӣ ба таври муфассал оварда шудааст.

Таҷрибаҳои саҳроӣ дар се вариантҳои ҷудогона: се муҳлати кишт, 4 меъёри сарфи тухмӣ (5, 6, 7, 8 млн дона/га) ва 4 варианти нуриҳо бо назардошти назоратӣ барои ҳосили банақшагирифташудаи 30, 45, 60 ва 75 с/га гузаронида шудаанд. Маълумот оид ба шароити хоку иқлими ноҳияи Фархор ба таври муфассал оварда шудааст.

Натиҷаи таҳқиқот дар рисолаи илмии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович қисмати асосиро такил намуда, дар ҳаҷми 80 саҳифа дарҷ гардидааст, ки аз се боби ҷудогона иборат аст. Маҳсулнокии шолии ангорӣ вобаста ба муҳлати кишт, меъёри кишт ва меъёри нуриҳои минералӣ ба таври муфассал дар бобҳои алоҳида ва зербобҳо таҳлил карда шудааст. Нишондиҳандаи ҷолиби диққат санаҳои фарорасӣ ва давомнокии давраҳои алоҳидаи нашъунамои шолӣ мебошад, ки вобаста ба се шакли таҷрибаҳои саҳроӣ фарққунанда мебошанд. Давраи пухтарасии ҳосили дони шолии ангорӣ вобаста ба муҳлати кишт ба моҳи октябр рост меояд, ки барои сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосил имкон медиҳад.

Динамикаи афзоиши баландии растанӣ дар даврахои нашъунамои шолии ангорӣ то давраи пухтарасии дона ба қайд гирифта шуда, вобаста ба вариантҳои таҷрибаҳои саҳрой фарқияти мушаххас дорад. Дар ду варианти таҷрибаҳо, яъне муҳлат ва меъёри кишт афзоиши биомассаи шолии ангорӣ то давраи пайдоиши чорубак ва дар варианти меъёри нуриҳои минералӣ то давраи гулкунӣ мушоҳида карда шудааст. Дар айни замон афзоиши вазни хушки растаниҳо аз воҳиди майдони кишт то давраи гулкунӣ мунтазам сурат гирифта, ба 45% расидааст ва дар давраи пухтарасӣ якбора то 81-83% зиёд шудааст, ки аз афзоиши суръати захирашавии маҳсули биосинтез дар дона вобаста аст.

Яке аз нишондоди ҷолиби диққат дар таҷрибаҳои саҳроии Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович ташаккули сохтори ҳосил вобаста ба вариантҳои омӯзиш мебошад. Масъалаи паст будани фоизи сабзиш ва зиндамонии растаниҳо аз меъёри кишти 5-8 млн дона дар 1 га, ки ҳамагӣ ба 1,55-2,48 млн/га баробар шудааст, бозомӯзӣ ва тадқиқоти ҷиддиро талаб мекунад. Тавре ки аз натиҷаҳои омӯзиш дида мешавад, коэффисенти панҷазании маҳсулноки шолӣ низ дар ин ҳолат чандон кифоя нест ва дар 1 м² ҳамагӣ 236-428 растаниро ташкил медиҳад. Дар ин самт омӯзиши таҷрибаи кишти шолӣ бо кӯчат ба таври дастию механикӣ, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ маъмул аст, дар шароити Тоҷикистон муҳим мебошад.

Ҳосилнокии дони шолии ангорӣ вобаста ба муҳлати кишт 51,0-62,3 с/га, меъёри кишт – 57,1-62,1 ва меъёри нуриҳои минералӣ – 30-75 с/га мебошад, ки бартарияти кишт дар даҳаи аввали моҳи июн, меъёри 7 млн дона/га ва истифодаи меъёри солонаи $N_{180}P_{180}K_{75}$-ро нишон медиҳад.

Дар диссертатсия камбудию норасогиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Адабиёти илмии истифодашуда асосан солҳои 60-80-уми асри гузаштаро дар бар мегиранд ва адабиёти пас аз соли 2000 хеле ба назар мерасад.

2. Барои асоснок намудани меъёри кишт ва меъёри нуриҳои минералӣ дар парвариши шолӣ бештар ба корҳои олимони минтақаи Осиё, ки маркази пайдоиш ва паҳншавии шолӣ ба ҳисоб меравад ва кишварҳое, ки тамаддуни бойи кишоварзиро оид ба парвариши шолӣ доранд (Чин, Ҷопон, Корея, Таиланд, Қазоқистон, Узбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон), такя кардан, мувофиқи мақсад мебуд.

3. Дар рисола калимаю ибораҳои номувофиқ ба монанди: «ҷавгандум» (с. 20); «методҳои таҳқиқот», ҳамзамон «усули таҳқиқот» (с. 42), «ҳамаи давра» (с. 54), «майсаронӣ» (с. 55), «миёндаврҳои нашъунамо» (с. 68), инчунин нодуруст истифода бурдани қавси фигуравӣ дар иқтибосҳо (с. 25, 31, 34, 52) ва монанди инҳо дида мешавад, ки нофаҳмоиро ба вуҷуд меоранд.

4. Мухлати кишти шолӣ дахаи аввал, дуюм ва сеюми мохи июн ба нақша гирифта шудааст, лекин дар амал кишт аз 10 июн то 2-юми июл гузаронида шудааст, ки ба дахаи дуюм ва сеюми мох рост меояд (с. 45).

5. Дар ғизодиҳии 1-ум истифода бурдани 50% ва дар ғизодиҳии 2-юму 3-юм 50% боқимондаи меъёри солонаи нуриҳои нитрогенӣ вобаста ба давраи нашъунамо ва намуди нурии минералӣ бояд асоснок карда мешуд.

6. Дар сурати ба 30 с/га баробар будани иқтидори ҳосилхезии хоки қитъаи тачрибавӣ нуриҳои минералиро танҳо барои гирифтани ҳосили изофагӣ – 15, 30 ва 45 с/га истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

7. Баландии пояи шолӣ ва майдони барг дар давраи гулкунӣ нисбат ба давраи чорӯбакбандӣ хеле меафзояд, лекин сабаби кам шудани биомассаи тар аз 1 га дар ин давра мушаххас карда нашудааст (чадвали 3.1.2.1).

Автореферати диссертатсия бо забони тоҷикӣ ва забони русӣ ба рисола мувофиқат мекунад. Хулосаҳои умумии кори диссертатсионӣ дар 8 банд тартиб дода шудаанд, ки пурра фарогири доираи тадқиқоти анҷомдашуда мебошанд. Барои истифодаи амалӣ дар истеҳсолот вариантҳои беҳтарини дар тачрибаҳо бадастовардаи муаллиф пешниҳод карда шудаанд. Камбудиҳои дар боло овардашуда моҳияти илмию амалии рисоларо коста намегардонанд.

Дар маҷмӯъ диссертатсияи Шакаров Нодирҷон Ҷамшедович дар мавзуи «Усулҳои парвариши шолии ангорӣ дар шароити ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» кори илмии бaанҷомрасида ҳисобида мешавад, ки бо тачрибаҳои чандинсола ва таҳлили омории натиҷаҳо, нашри мақолаю тезисҳо, муаррифӣ дар конференсияю ҷаласаҳои илмӣ асоснок карда мешавад. Кори диссертатсионӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01–зироаткории умумӣ, растанипарварӣ мувофиқ аст ва муаллиф сазовори ҳамин дараҷаи илмӣ мебошад.

Дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05–селексия ва тухмипарварӣ — Расулзода Б.Р.

Имзои Б.Р. Расулзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара — Ҷаббори Н.Ҷ.

*Суроға: 735320, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25. Тел.: 833122-28-06. E-mail: dddangara_2013@mail.ru*